Бо қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
аз “ ___” ________с. 20____, №__
тасдиқ шудааст

**Дастурамали №**
**"Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ"**

Дастурамали № “Дар бораи тартиби додани қарз ва ҳисоб кардани фоиз дар ташкилотҳои қарзӣ” (минбаъд дар матн - Дастурамал) тибқи талаботи қисми 2 моддаи 3 ва қисми 5 моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ва моддаҳои 20, 21, 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” таҳия шуда, тартиби кор бо қарз ва ҳисоб кардани фоизи қарзро дар ташкилотҳои қарзӣ муайян менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Мақсади асосии Дастурамали мазкур ин муқаррар намудани ҳадди ақали талаботҳо оид ба низоми босамари идоракунии хавфи қарзӣ, додани қарз ва тартиби ҳисоб намудани фоизи қарз дар ташкилотҳои қарзӣ мебошад.

2. Дар Дастурамали мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **қарз** - маблағе, ки аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ба қарзгир бо шартҳои пардохти фоиз ва баргардонидан ба муҳлати муайян дода шудааст. Уҳдадориҳои зерин низ ба "қарз" баробар дониста мешаванд:

а) кафолатҳо ва ҳамаи дигар уҳдадориҳои ғайритавозунии ба онҳо монанд, ки ташкилотҳои қарзӣ ба шахсони дигар содир кардаанд;

б) овердрафтҳо, новобаста аз сабаби пайдоиши онҳо;

в) аккредитивҳо;

г) аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дарёфти ҳар гуна ҳуҷҷати қарзии

шахсе, ки аз рӯи он ӯ ба сифати векселдиҳанда, трассант ё кафил (ҷавобгарӣ бар дӯш дорад) баромад мекунад;

ғ) амалиёти факторингӣ;

д) амалиёти иҷораи молиявӣ (лизинг);

е) маблағгузории аҳдҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла форфейтингӣ;

ё) қарзҳои ипотекӣ, истеъмолӣ;

ж) кортҳои қарзии бонкӣ;

з) ҳама гуна уҳдадории қонунӣ оид ба додани қарз;

- **қарзи хурд –** қарзе, ки аз ҷониби ташкилотҳои маблағгузории хурд ба қарзгир бо шартҳои пардохти фоиз ва баргардонидан ба муҳлати муайян дода шудааст ва маблағи он аз андозаи муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон зиёд намебошад;

**- ҳудуди қарздиҳӣ** - андозаи ниҳоии ҳамаи қарзҳои ба як қарзгир ва ё ба гурӯҳи қарзгирон дар маҷмӯъ додашуда мебошад. Ташкилотҳои қарзӣ метавонанд меъёрҳои иловагиро на бештар аз меъёрҳои муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар намоянд;

**- хавфи қарзӣ** - хавфи ба миён омадани хароҷот (зарар) дар натиҷаи аз тарафи муштарӣ вайрон карда шудани шартҳои ибтидоии шартнома (қарордод) оид ба иҷрои уҳдадориҳои пулии ба зимма гирифтаи вай ҳангоми гузаронидани амалиёти қарзӣ, лизингӣ, факторинг, форфейтинг, амалиёти додани кафолати бонкӣ ва дигар амалиётҳо;

**- меъёри фоизи қарз** - ин ифодаи фоизӣ мебошад, ки нисбат ба қарз ва барои давраи муайяни ҳисобкунии он муқаррар карда мешавад. Давраи ҳисобкунии фоизи қарз бо шартномаи байни ташкилоти қарзӣ ва муштарӣ муайян карда мешавад ва маҳдуд намебошад (яъне давра метавонад: як рӯз, як ҳафта, як моҳ, ду моҳ, семоҳа, нимсола, яксола ва ғайра тибқи мувофиқаи муштарӣ ва ташкилоти қарзӣ муқаррар карда шавад);

**- меъёри самараноки фоизии солона** - ифодаи фоизие мебошад, ки тибқи он фоизи қарз бо назардошти тамоми пардохтҳои хизматрасонии қарз, ки аз ҷониби муштарӣ ба ташкилоти қарзӣ пардохта мешавад, ҳисоб карда мешавад;

**- маблағи фоизи қарз** - ҳама маблағҳое мебошанд, ки қарзгиранда барои истифодаи қарз ба ташкилоти қарзӣ пардохт менамояд.

- **скоринги қарзӣ –** ин низоми баҳогузории қобилияти қарзадокунии муштарӣ, дар асосӣ усулҳои ададии оморӣ.

- **гарав -** тарзи таъмини иҷрои уҳдадориест, ки вобаста ба он кредитор оид ба уҳдадории бо гарав таъмингардида (гаравгир) ҳуқуқ дорад дар ҳолати иҷро накардани ин уҳдадори аз ҷониби қарздор аз арзиши молу мулки ба гарав гузошташуда нисбат ба дигар қарздорони шахсе, ки ин молу мулк аз они ӯ аст (гаравдеҳ), талаботашро қонеъ гардонад, ба истисноии ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун;

- **шахси вобаста** - мафҳуми "шахси вобаста", ки дар Дастурамали мазкур пешбинӣ шудааст, мутобиқи тавзеҳоти ҳамин мафҳум дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" муайян карда мешавад.

3. Андозаи ниҳоии қарзҳо ба қарзгирон тибқи талаботи қонунгузории бонкӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

4. Ташкилоти қарзӣ уҳдадор аст, ки меъёри фоизи қарз ва меъёри самараноки фоизии солонаи қарзро дар шартномаи қарзӣ нишон диҳад.

5. Агар тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи ин Дастурамал метавонанд дар шакли электронӣ тартиб дода, нигоҳдорӣ ва ба тарзе тасдиқ карда шаванд, ки ин имкон медиҳад, ки минбаъд розигии муштариён ба даст оварда шавад.

## БОБИ 2. СИЁСАТИ ҚАРЗӢ ВА КУМИТАИ ҚАРЗИИ ТАШКИЛОТИ ҚАРЗӢ

6. Санадҳои меъёрии дохилии ташкилотҳои қарзӣ, ки сиёсати қарзии онҳоро танзим менамояд, бо назардошти талаботи Дастурамали мазкур аз ҷониби Шӯрои нозирон (Шӯрои парасторон), тасдиқ карда мешаванд.

7. Санадҳои меъёрӣ ҳамаи муқаррароти асосиеро, ки ба додани қарзҳо дахл доранд - намуди асъори қарз, меъёри фоизӣ, ҳаҷм ва мақсади қарз, вазифаҳои сиёсати қарзӣ, тақсими масъулият ва салоҳияти кормандони ташкилоти қарзӣ дар соҳаи қарздиҳӣ, сиёсат нисбат ба таснифу таҳлили сандуқи қарзӣ, ҳамчунин ҳиссаҷудокуниҳои дахлдор ба суратҳисоби захираҳо, инчунин чораҳоеро, ки ҳангоми ба миён омадани қарзҳои мушкилситон андешида мешаванд, бояд дар бар гиранд.

8. Ташкилоти қарзӣ метавонад ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва соҳибкорони хурду миёна қарзҳои гурӯҳи низ пешниҳод намояд.

9. Ташкилоти қарзӣ ҳангоми таблиғи маҳсулотҳои қарзии худ наметавонад аз рекламаҳои нодуруст, бевиҷдона ва бардуруғ, истифода барад.

10. Ташкилотҳои қарзӣ дар раванади муаррифӣ намудани маҳсулотҳои қарзии худ, аз он ҷумла, маҳсулотҳои қарзии нав, иқдомҳои гуногун ва ғайра, ҳуқуқ надоранд аз воситаҳои таблиғотӣ ва маълумотҳои нодурусту, бардурӯғ истифода намоянд.

11. Дар бонкҳо ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд барои амалӣ намудани сиёсати қарздиҳӣ бо қарори Шӯрои нозирон Кумитаи қарзии Саридора дар ҳайати на камтар аз 5 нафар ташкил карда мешавад. Ба ҳайати Кумитаи қарзӣ, ки мақоми кории дастаҷамъии ташкилоти қарзӣ мебошад, намояндагони роҳбарияти ташкилоти қарзӣ, инчунин роҳбарони воҳидҳои сохтории қарзӣ, ҳуқуқ, шӯъбаи амалиёт бо муштарӣ (фронт-офис) ва дигар хадамоти ташкилоти қарзӣ дохил мешаванд.

Шӯрои нозирони (парасторони) ташкилоти қарзӣ Кумитаи қарзиро ҳамчун мақоми коллегиалӣ дар ҳайати на камтар аз 5 нафар аъзо, бо назардошти 1 нафар намоянда аз ҳайъати роҳбарияти Саридора, ва 1 нафари дигар аз ҳисоби роҳбарони воҳидҳои сохтории масъули Саридораи ташкилоти қарзӣ таъсис медиҳад.

Кумитаи қарзии Саридораи ташкилоти қарзиро муовини раиси Раёсат ё шахси дигари ӯро ивазкунанда роҳбарӣ мекунад.

Баррасӣ ва қабули қарор оид ба додани қарзҳои "калон", қарз ба шахсони вобаста, қарзҳои боваринок, кафолатҳо танҳо ваколати истисноии Кумитаи қарзии Саридораи ташкилоти қарзӣ мебошад.

12.Ташкилоти қарзии хурд ва фонди қарзии хурд барои амалӣ намудани сиёсати қарздиҳӣ вобаста ба сохтори худ метавонанд Кумитаи қарзӣ ташкил намоянд.

13. Саридораи ташкилоти қарзӣ дар асоси санадҳои меъёрии дохилӣ барои филиалҳои худ Кумитаҳои қарзӣ ташкил намуда, барои амалӣ намудани сиёсати қарздиҳии филиалҳо талабот муқаррар менамояд.

14. Ҳамзамон пешбинӣ гардидани таъсиси Кумита қарзӣ, аъзоёни он (инчунин дар ҳолатҳои зарурӣ иштироки (фосилавии) намоянда аз Саридора), ваколатҳо ва тартиби ба роҳ мондани фаъолияти он дар

сатҳи филиал, МХБ ва МХМХ-ҳои ташкилотҳои қарзӣ вобаста аз маҳдудиятҳои маблағи қарз дар Дастурамали мазкур ба мақсад мувофиқ мебошад).

15. Барои филиалҳо Кумитаи қарзӣ 3 нафар аъзои Кумита кофӣ мебошанд, аммо ҷиҳати коҳиш додани сатҳи хавфи қарзӣ, 5 нафар аъзо тавсия дода мешавад.

16. Кумитаи қарзии Саридораро муовини раиси Раёсати ташкилоти қарзӣ, ки сарпарасти воҳиди сохтории дар самти қарздиҳӣ намебошад роҳбарӣ менамояд.

17. Ҳамаи масъалаҳое, ки ба додан ва ё нададан, интиқол, фурӯш ҳамчунин аз суратҳисоб хориҷ кардани қарзҳо, кафолатҳо, уҳдадориҳо, супоришномаҳо ва дигар ивазкунандаҳои ба онҳо баробар алоқамананд, дар ҷаласаҳои Кумитаи қарзӣ баррасӣ карда мешаванд.

18. Низомномаи Кумитаи қарзии бонкҳо ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурдро Шӯрои нозирони ташкилоти қарзӣ тасдиқ менамояд, ки дар он салоҳият ва тақсими ваколат оид ба додани қарз, аз ҷумла ҳудуди маблағи қарз, инчунин дараҷаи пуррагии ҷавобгарӣ оид ба қарзҳои додашуда муқаррар карда мешавад.

19. Қарзҳое, ки додани онҳоро Кумитаи қарзии Саридора рад кардааст, ягон шахси алоҳидаи ташкилоти қарзӣ ҳуқуқи додани онҳоро надорад.

## БОБИ 3. КОРГУЗОРӢ БО ҚАРЗҲО

20. Ташкилоти қарзӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон сабтҳои ҳуҷҷатиро дар шакли парвандаи алоҳида барои ҳар як қарзгир ба роҳ мемонад. Сабтҳои мазкур ҳамаи маълумоти зарурӣ дар бораи қарзгирон шартҳои додани қарз ва талабот дар бораи мубодилаи маълумот ба Бюрои таърихи қарзро дар бар мегирад.

21. Оид ба ҳисобгирии маълумот дар хусуси дараҷа ва шаклҳои робитаи мутақобилаи қарзгирони ташкилоти қарзӣ, ки қарздории онҳо ҳангоми муайян кардани ҳудуди қарздиҳӣ ҷамъ карда мешаванд, ташкилоти қарзӣ дар китоби алоҳида сабт ворид менамояд.

22. Ташкилоти қарзӣ қабл аз пешниҳоди қарз ба муштарӣ (то ба имзо расонидани шартномаи қарзӣ), бо таври хаттӣ маълумот дар бораи ҳамаи намудҳои қарзҳои додашаванда, шартҳои қарз, шартҳои пардохт

(мухлатҳои воқеии пардохти қарзи асосӣ ва фоиз), арзиши умумии қарз, огоҳӣ дар бораи додани маълумот ба Бюрои таърихи қарз, намудҳои таъминоти қабулшаванда ва ғайраро пешниҳод менамояд. Маълумотномаи мазкур дар шакли варақаи деворӣ ё китобчаи ташвиқотӣ тартиб дода мешавад, ки аз ҷониби Раёсати (Роҳбари) ташкилоти қарзӣ тасдиқ мегардад.

23. Ташкилоти қарзӣ уҳдадор аст, ки тамоми маълумотҳоро дар бораи фаъолият ва ҳолати молиявии муштарӣ, ки ҳангоми хизматрасонӣ ва муносибат бо муштарӣ ё бо шахси сеюм маълум шудааст ва ошкор кардани он мумкин аст ба муштарӣ зиёни моддӣ ё маънавӣ расонад мутобиқи талаботи моддаи 48, боби 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” ва моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” нигоҳдорӣ менамояд.

Маълумот мазкур бояд мутобиқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон тартиб дода ва ба муштарӣ пешниҳод карда шавад.

## БОБИ 4. БАРРАСИИ ДАРХОСТ БАРОИ ГИРИФТАНИ ҚАРЗ

24. Кор оид ба додани қарз аз лаҳзаи қабул кардани дархост аз муштарӣ оғоз мегардад. Шахсоне, ки ба баррасии дархостҳо барои гирифтани қарз машғуланд, амалҳои зеринро анҷом медиҳанд:

25. Марҳилаи аввали пешниҳоди қарз ба муштарӣ аз лаҳзаи қабул гардидани дархост оғоз гардида, дар баробари он шахсони масъули соҳаи қарздиҳии ташкилоти қарзӣ ӯҳдадоранд амалҳои зеринро иҷро намоянд:

а) мавриди баррасӣ қарор додани дархост ва дигар маълумотҳои мушаххас оид ба худи муштарӣ, фаъолияти ӯ, ва инчунин мақсад ва самти истифодашавии қарз аз ҷониби ӯ;

б) омӯзиши қарзгир бо ҷалби маълумоти пурра дар бораи худи қарзгир ва он соҳаи иқтисод, ки вай ният дорад маблағи гирифташударо бо он истифода намояд;

в) дар ҳолати мавҷуд будани модели скоринг барои қарзҳои хурд, ки аз ҷониби мақоми дахлдор (Шӯрои нозирон/парасторон) ё кумитаи

қарзии ташкилоти қарзӣ тасдиқ шудааст, онҳо метавонад баъди ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои дахлдор, қарор дар бораи додан ё рад кардани қарзҳои хурдро қабул намояд;

г) маълумоти дахлдор аз Бюрои таърихи қарз мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таърихи қарз (кредит)" гирифта мешавад;

ғ) гузаронидани сӯҳбат (гуфтугӯи телефонӣ) бо қарзгир ё намояндаи ваколатдори он, ки дар ҷараёни он симои ибтидоии равонии қарзгир муайян карда шуда, салоҳият ва омодагии касбии ӯ ошкор мешавад;

д) аз қарзгир - шахси ҳуқуқӣ дархост намудани бастаи ҳуҷҷатҳое, ки имкон медиҳанд ҳолати ӯ маълумоти пурра арзёбӣ шавад, аз ҷумла:

- дархост барои гирифтани қарз бо қайди мақсад, маблағи дархостшаванда, муҳлат, манбаи пардохти қарз ва шартҳое, ки дар асоси онҳо қарз гирифта мешавад;
- ҳуҷҷатҳои таъсисӣ барои шахсони ҳуқуқӣ;
- ҳисоботи молиявӣ бо қайди мақомоти андоз;
- ҳисоботи тавозунӣ, ҳисоботи фоида ва зиён ва гардиши маблағҳои пулӣ бо қайди мақомоти андоз
- нусхаи маълумотнома аз мақомоти андози ҷойи бақайдгирӣ дар хусуси надоштани қарз дар назди буҷет;
- нақшаи тиҷоратӣ;
- пурсишномаи намунавии пуркардашуда;
- варақа бо намунаи имзои шахсоне, ки ҳуқуқи имзои аввал ва агар пешбинӣ шуда бошад имзои дуюм;
- дурнамои гардиши маблағҳои пулии қарзгир;
- дурнамои фаъолияти қарзгир;
- рӯйхати молу мулк бо нишон додани арзиш ё таъминоти дигаре, ки метавонад аз ҷониби қарзгир ба сифати таъмини бозгардонии қарз пешниҳод шаванд;
- ҳуҷҷатҳои дигаре, ки ташкилоти қарзӣ пешниҳоди онҳоро аз қарзгир бо санадҳои дохилии хеш муқаррар намудааст.

е) номгӯи ҳуҷҷатҳои дархостшаванда барои қарзгир-шахси воқеӣ ва барои қарзгир-шахси ҳуқуқӣ дар алоҳидагӣ бо санадҳои дохилии ташкилоти қарзӣ аз рӯи намуди қарз муқаррар карда мешаванд;

- бо тартиби ҳатмӣ ба қарзгири эҳтимолӣ дар бораи афзалият,

моҳият ва оқибати пешниҳоди маълумот дар бораи таърихи қарз ба Бюрои таърихи қарз шарҳ дода шавад;

- дар баробари ҳуҷҷатҳои пешбинишуда, дар парвандаҳои қарзии муштариён бояд маълумотнома дар ҳаҷми 1 варақ бо андозаи ҳуруфи на камтар аз 22, ки дар он шартҳои асосии қарз нишон дода шудаанд, ҷойгир карда шавад. Дар маълумотнома бояд имзои муштарӣ оиди бо шартҳои қарз шинос шудани он мавҷуд бошад.;

- дар ҳолати зарурӣ, талабот ба шакл ва мундариҷаи маълумотнома аз ҷониби ташкилоти қарзӣ муайян карда мешавад. Маълумотномаи мазкурро мумкин аст дар шакли электронӣ нигоҳ дошта ва тавре тасдиқ карда мешавад, ки ин имкон медиҳад минбаъд аз муштарӣ дар бораи шиносоӣ бо шартҳои қарз тасдиқи худро гирад.

26. Аз қарзгир дархост намудани бастаи ҳуҷҷатҳое, ки имкон медиҳанд ҳолати маълумоти пурра арзёбӣ шавад, аз ҷумла:

а) аз қарзгир – шахси воқеӣ дархост намудани ҳадди ақалли ҳуҷҷатҳои зерин:

- ариза барои гирифтани қарз бо зикри мақсад, маблағи дархостшаванда, муҳлат, манбаи пардохти қарз ва шартҳое, ки дар асоси онҳо қарз гирифта мешавад;

- нусхаи шиноснома;

- нусхаи шиносномаи зомин, ҳангоми истифодаи замонат;

- нусхаи ҳуҷҷати рақами мушаххаси андозсупорандаро тасдиқкунанда;

- нусхаи шаҳодатнома, патент ва ё дигар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи кору фаъолияти қарзгир, ҳангоми пешниҳоди қарз ба соҳибкорон;

- нақшаи корӣ, ҳангоми пешниҳоди қарз ба соҳибкори инфиродӣ;

- рӯйхати молу мулк бо нишон додани арзиш ё таъминоти дигаре, ки метавонад аз ҷониби қарзгир ба сифати таъмини бозгардонии қарз пешниҳод шаванд;

б) аз қарзгир – соҳибкори инфиродӣ дархост намудани ҳадди ақалли ҳуҷҷатҳои зерин:

- нусхаи ҳуҷҷати рақами мушаххаси андозсупорандаро тасдиқкунанда;

- нусхаи шаҳодатнома, патент ва ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи кору фаъолияти қарзгир;

- нақшаи корӣ;

- рӯйхати молу мулк бо нишон додани арзиш ё таъминоти дигаре, ки метавонад аз ҷониби қарзгир ба сифати таъмини бозгардонии қарз пешниҳод шаванд;

- ҳуҷҷатҳои дигаре, ки ташкилоти қарзӣ пешниҳоди онҳоро аз қарзгир бо санадҳои дохилии хеш муқаррар намудааст.

27. Агар ба сифати таъмини қарзи гирифташаванда кафолатнома ё замонат истифода шавад, дар ин маврид омӯзиши кафил ё зомин, обрӯю эътибори касбии он, доштани қобилияти қарзадокунӣ, масъулият ва омодагӣ барои иҷрои уҳдадориҳо муайян карда мешавад.

28. Ҳамаи амалҳои кормандон оид ба омӯхтани қарзгир, ки дар боло номбар шуданд, дар асоси ҳуҷҷатҳои дохилии ташкилоти қарзӣ, ки салоҳият ва уҳдадориҳои вазифавии кормандони мазкурро муайян мекунад, амалӣ карда мешаванд.

29. Аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ҳамаи дархостҳо барои гирифтани қарз, новобаста аз қарори қабулгардида оид ба дархост дар дафтари ҳисобгирӣ (дар ҳомилҳои қоғазӣ ва электронӣ) сабт карда мешаванд.

30. Баъд аз иҷро гардидани ҳамаи талаботи дар боло зикршуда, шахсоне, ки қарзгирро меомӯзанд (чун қоида, онҳо кормандоне мебошанд, ки ба сатҳи аввали шахсони масъули додани қарз қарздиҳӣ дохил мешаванд), дар асоси маълумоти омодашуда оид ба додан ва ё надодани қарз ба қарзгир хулоса пешниҳод менамоянд.

31. Қарор оид ба додан ё надодани қарз дар бонкҳо ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд бо иштироки корманди ваколатдор дар Кумитаи қарзӣ қабул карда мешавад. Дар фондҳо ва ташкилотҳои қарзии хурд бошад, қарор оид ба додан ё надодани қарз метавонад бо иштироки корманди ваколатдор дар Кумитаи қарзӣ аз ҷониби шахсони масъул тибқи муқаррароти санадҳои меъёрии дохилӣ қабул карда шавад.

32. Кумитаи қарзӣ метавонад ҷиҳати санҷиши иловагӣ ва пурра намудани маълумот дар бораи муштарӣ барои такмили хулоса қарор қабул намояд.

33. Қарори оид ба додан ва ё надодани қарз ҳуҷҷати дохилибонкӣ ба шумор рафта, нусхаи он ба муштарӣ дода намешавад. Дар ҳолати мувофиқат накардани дархости қарз ба талаботи намуди қарз,

ташкилоти қарзӣ ҳуқуқ дорад қарз надиҳад ё маблағ ва муҳлати қарзи дархостшударо кам намояд.

34. Оид ба қарори дахлдор ба муштарӣ бо таври шифоҳӣ маълумот дода мешавад ва бо талаби муштарӣ ташкилоти қарзӣ метавонад ба ӯ маълумоти хаттӣ ирсол намояд. Мундариҷаи қарор дар намуди электронӣ сабт ёфта, нусхаи аслии қарор дар парвандаи қарзгир дӯхта мешавад.

35. Ташкилоти қарзӣ вобаста ба андозаи қарз, муҳлати кор бо дархост, омӯзиши ҳуҷҷатҳо, огоҳ намудани муштарӣ дар хусуси рад кардани додани қарз ва ғайраро муқаррар менамояд, аз ҷумла:

- дархост барои гирифтани қарз дар давоми то 5 рӯзи корӣ аз лаҳзаи ворид гардидани он баррасӣ карда мешавад;

- таҳлили ҳуҷҷатҳо ва қабули қарор вобаста аз маблағи қарз дар бонкҳо то 500 000 (панҷсад ҳазор) сомонӣ - дар муддати то ду ҳафта ва зиёда аз 500 000 (панҷсад ҳазор) сомонӣ - то як моҳ аз лаҳзаи пешниҳоди ҳуҷҷатҳо амалӣ мегардад;

- таҳлили ҳуҷҷатҳо ва қабули қарор вобаста аз маблағи қарз дар ташкилотҳои маблағгузории хурд то 100 000 (сад ҳазор) сомонӣ - дар муддати то ду ҳафта ва зиёда аз 100 000 (сад ҳазор) сомонӣ - то як моҳ аз лаҳзаи пешниҳоди ҳуҷҷатҳо амалӣ мегардад;

огоҳӣ дар хусуси рад кардани додани қарз дар давоми то се рӯзи корӣ аз лаҳзаи қабули қарор амалӣ карда мешавад;

- робитаи доимӣ бо қарзгир, ҳангоми зарурат, санҷиши истифодаи қарз.

36. Ташкилоти қарзӣ дар ҳуҷҷатҳои дохилии худ муҳлатҳои дар банди 35 Дастурамали мазкур пешбинишударо вобаста бо андозаи қарзҳои пешниҳодшаванда дар ҳудуди он аниқ менамояд.

37. Риояи раванди баррасии дархости муштарӣ дар бораи додани қарз аз ҷониби мақомоте, ки дар ташкилоти қарзӣ назорати дохилиро амалӣ менамояд, дар асоси дафтари ҳисобгирии дархостҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои дохилӣ, мунтазам зери назорат ва санҷиш қарор мегирад.

## БОБИ 5. БАСТАНИ ШАРТНОМАИ ҚАРЗӢ

38. Муносибатҳои ташкилоти қарзӣ бо муштарӣ оид ба додани қарз

ва баргардонидани он тибқи шартномаи қарзӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастурамали мазкур танзим карда мешавад.

39. Ҳангоми бастани шартномаи қарзӣ **(аз ҷумла дар шакли электронӣ)** дар он ҳамаи шартҳое, ки мувофиқи онҳо қарз дода мешавад, пешбинӣ мегардад, аз ҷумла: маблағ, муҳлат, намуди асъор, меъёри фоиз, таърихи бастани шартнома, тартиби додани қарз, таъминнокӣ (агар зарур дониста шаванд), тартиби додан ва манбаҳои пӯшонидани қарз, тартиби пардохти қарз дар ҳолати ба таъхир афтодани он, ё дар ҳолати азнавташкилдиҳии шахсони ҳуқуқӣ, мушаххасоти тарафҳо, маълумот оид ба пешниҳоди таърихи қарзи муштарӣ ба Бюрои таърихи қарз бо огоҳ намудани ӯ.

40. Тибқи шартҳои пешбининамудаи қонун, бидуни тамоси мустақим бо тартиби муқарраркардаи ташкилоти қарзӣ бо истифода аз воситаҳои мушаххаси шахси воқеӣ, ки дар Дастури 200 муқаррар шудааст, шартномаи қарзӣ бастан мумкин аст.

41. Ҷадвали пардохти қарз бо тавсифи муфассали тартиб ва муҳлати пардохт таҳия ва якҷоя бо шартнома имзо гардида, ба шартномаи қарзӣ замима карда мешавад.

42. Бо мақсади мутобиқати фаъолияти қарзгир ба нақшаи кории пешниҳодшуда, дурнамои гардиши маблағҳо, риоя ва назорати ҷадвали пардохти қарз, дар шартномаи қарзӣ пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ аз ҷониби қарзгир бо нишон додани муҳлат, дар давраи истифодаи маблағҳои қарзӣ, пешбинӣ карда мешавад. Ташкилоти қарзӣ метавонад бо мақсади мониторинги қарз аз қарзгир ҳуҷҷатҳои дигари ба иҷрои назорат алоқамандро талаб намояд.

43. Дар шартнома ҳамаи намудҳои ҷавобгарии тарафҳо ва чораҳое, ки дар ҳолати иҷро нагардидани уҳдадориҳо андешида мешаванд, мушаххас пешбинӣ ва муқаррар карда мешавад.

44. Миқдори нусхаи шартномаи басташаванда набояд аз миқдори тарафҳое, ки онро мебананд, камтар бошад. Ҳар як тарафи иштирокдори шартнома бояд нусхаи аслии шартномаи қарзиро, ки аз ҷониби тарафҳо ба имзо расидааст, гирад. Шартномаи қарзӣ набояд хилофи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии хуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон бошад.

45 Ташкилоти қарзӣ ҳуқуқи яктарафа тағйир додани шартҳои шартномаи қарзиро надорад.

46. Маблағи қарзи пешниҳодшаванда бояд ба ҳамон асъоре, ки дар шартномаи қарзӣ қайд гардидааст ба муштарӣ дода шавад, яъне қарз метавонад бо дигар асъор (бо мувофиқаи тарафҳо) дода шавад.

47. Аз тарафи ташкилоти қарзӣ ҳангоми додани маблағи қарзи асосӣ истифода бурдани ғайримақсаднокӣ қисми он ҳамчун захира ва ё амонати суғуртавӣ манъ аст. Инчунин аз ҷониби ташкилоти қарзӣ дар шартномаи қарзӣ илова кардани бандҳо оиди аз ҳисоби маблағи қарзи асосӣ ташкил ё пардохти захираҳо ва дигар манъ аст.

48. Ташкилоти қарзӣ наметавонад ба қарзгире, ки қарзи ҷориашро дар доираи шартномаи басташуда пардохт накардааст, қарзи нав диҳад.

49. Дар парвандаи қарзии қарзгир мазмуни мухтасар ҳамаи вохӯриву сӯҳбатҳо, гуфтушунидҳои телефонӣ бо қарзгир, натиҷаҳои он ва хулосаҳо аз рӯи санҷиши қарзгир қайд карда шуда, инчунин ҳамаи мукотиботи вобаста ба қарз замима карда мешаванд.

50. Бастаи ҳуҷҷатҳои қарзии ҳар як муштарӣ бояд дар ҷузвдони алоҳида нигоҳ дошта шавад.

51. Дар сурати нигоҳдории парвандаҳои қарзии зерсохторҳо дар сохтори болоӣ (Саридора Филиал ва ғ) бояд онҳо тариқи санади қабулу супурд таҳвил дода шаванд ва дар ин ҳолат ташкилоти қарзӣ вазифадор аст, ки нигоҳдории парвандаҳои қарзиро бо Фармони алоҳида ба зиммаи шахси масъул вогузор кунад.

52. Дар ташкилотҳои қарзӣ бояд парвандаҳои қарзии фаъол аз парвандаҳои қарзии ғайрифаъол ҷудо нигаҳдорӣ карда шаванд.

53. Ҳамаи ҳисоботҳо ва ҳуҷҷатҳое, ки мутобиқи Дастурамали мазкур талаб карда мешаванд, на камтар аз 5 сол баъди баргардонидани қарз дар парвандаи қарзӣ нигахдорӣ мешаванд. Дар парвандаи қарзӣ нусхаи ҳуҷҷатҳои аввалиндараҷа оид ба додани қарз ва пардохти он бо фоизҳояш якҷоя бо беруннависи ин суратҳисобҳо нигахдорӣ карда мешаванд.

## БОБИ 6. БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАНИ ТАЪМИНОТИ ҚАРЗ

54. Иҷрои уҳдадориҳои қарзгир метавонад бо гарави молу мулк таъмин карда шавад. Дар ҳолати қарзро напардохтани қарзгир ташкилоти қарзӣ бояд бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ва шартномаи қарзӣ ба молу мулки зери гарав буда рӯёниш намуда,

маблағи бадастомадаро ба пардохти уҳадории иҷронашудаи қарздор равона намояд.

55. Агар ташкилоти қарзӣ қарзро таҳти гарав диҳад, ғайр аз шартномаи қарзӣ, шартномаи гарав низ баста мешавад ва минбаъд ҳамаи муносибатҳои бо гарав алоқаманди байни тарафҳо, тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ипотека" ё "Дар бораи гарави молу мулки манқул ва бақайдгирии уҳдадориҳои таъминшуда" амалӣ мегардад.

56. Ба шартнома рӯйхати пурраи молу мулки ба гарав гузошташуда бо нишон додани арзиши онҳо, тасдиқномаҳо, шаҳодатномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои техникӣ (ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи ҳуқуқи молумулкӣ) замима мегарданд. Шартномаи гарав бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба расмият даровარда мешавад.

57. Дар ҳолати таҳти гарав додани қарз, хусусиятҳои молу мулки ба гарав гузошташуда, бо назардошти талаботи бозор ба инобат гирифта мешавад. Гарави нисбатан афзалиятнок барои ташкилоти қарзӣ коғазҳои қиматноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин пасандозҳо ба ҳисоб мераванд. Агар қарз зери чунин гарав дода шавад, ташкилоти қарзӣ месанҷад, то ки лаҳзаи пардохти коғазҳои қиматнок ва мухлати пардохти пасандоз то анҷоми мухлати пардохти қарз фаро нарасад.

58. Ташкилоти қарзӣ метавонад бо риояи талаботи қонунгузории амалкунанда ба сифати гарав ҳуқуқи истифодабарии заминро бо ҳуқуқи бегона намудани он низ қабул намояд.

59. Ташкилоти қарзӣ ҳангоми додани қарз таҳти гарав корҳои зеринро иҷро менамояд:

а) мансубияти молу мулки қарзгирро месанҷад ва дар сурати ба гарав гузоштани моликияти якҷояи зиёда аз як шахс (шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ), розигии хаттии ҳамаи соҳибмулконро талаб менамояд;

б) қаблан ба қарздеҳи дигар ба гарав гузошта шудан ё нашудани ин молу мулкро бо истифода аз ҳама намуди феҳрастҳои бақайдгирии гарави молу мулк ва дигар маълумоти дастрастшаванда месанҷад;

в) дар ҳолати шубҳанок будани арзиши гарав, ки дар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи он нишон дода шудааст, пешакӣ онро мустақилона баҳо диҳад ё дар мувофиқа бо қарзгир-гаравдеҳ тавассути даъвати нархгузори

мустақил арзиши хақиқии онро муқаррар менамояд;

г) тадқиқоти маркетингии молу мулки ба гарав гузоштташавандаро гузаронида, дараҷаи пардохтпазирӣ, арзиши воқеии бозорӣ ва нархи тахминии фурӯши гаравро муайян намуда, нақшаи назорат аз болои шароити нигахдории онро тартиб медиҳад;

ғ) дар ҳолати ҷой доштани хавфи паст шудани нархи молу мулки ба гарав гузоштташуда (масалан, аз сабаби пастшавии мавсимии нарх), ташкилоти қарзиро зарур аст, ки таъмини иловагии иҷрои ухдадории қарзиро талаб намояд.

60. Дар ҳолати дар ихтиёри қарзгир гузоштани молу мулки ба гарав гузоштташуда, дар шартнома тамоми чузъиёти шартҳои истифодаи чунин молу мулк, аз ҷумла ҳуқуқу вазифаҳои истифодакунанда, инчунин ба куҷо сарф шудани маблағҳое, ки ҳангоми истифодаи гарав ба даст меоянд, қайд мегардад.

61. Ташкилоти қарзӣ маснуоти заргарии ба сифати гарав барои нигоҳдорӣ қабул намударо, бояд дар халтачаҳои шаффоф, ки дорои тамғаи қӯргошимӣ (пломба) мебошанд, нигоҳ дорад.

62. Ҳангоми додани қарзи бо кафолати бонкӣ ё замонат таъминшуда, ташкилоти қарзӣ онро бояд тибқи талаботи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии хуқуқӣ ба расмият дарорад.

63. Ташкилоти қарзӣ наметавонад таҳти гарави саҳмияҳои худ ягон хел қарз, пешпардохт, кафолатнома ё коғази қиматноки дигар диҳад ё дигар уҳдадориҳоро ба зимма гирад.

64. Ташкилоти қарзӣ аз фурӯши молу мулки ба гарав гузоштташуда аввал маблағи қарзи асосӣ, баъдан фоизҳои ҳисобшуда ва дигар хароҷотҳоро мепӯшонад.

65. Иҷрои уҳдадориҳои қарзгир инчунин ба воситаи дигар усулҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома таъмин карда мешаванд.

## БОБИ 7. КОР БО ҚАРЗҲОИ ҶОРӢ

66. Бо мақсади пешгирӣ намудани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳои додашуда, ташкилоти қарзӣ аз болои онҳо назорати доимӣ бурда, робитаи доимиро бо қарзгир таъмин ва мониторинги қарзро

пайваста амалӣ менамояд.

67. Корманди ваколатдори ташкилоти қарзӣ дар ҳолати ошкор кардани ягон аломати коҳишёбии ҳолати молиявии муштарӣ, тағйирёбии ҳолати молу мулки гарав фавран Кумитаи қарзӣ ва ё шахси масъулро барои андешидани чораҳои дахлдор бо гузориши хаттӣ огоҳ менамояд. Ба нишонаҳои огоҳкунанда ҳолатҳои зерин мансуб мебошанд:

- саривақт пешниҳод накардани маълумот, пешниҳоди маълумоти нопурра дар хусуси ҳолати молиявӣ;
- ба тарафи манфӣ фарқнамудани нишондиҳандаҳои дурнамои фаъолият.
- саривақт напардохтани фоизҳо;
- хоҳиши тамдиди қарз;
- истифодаи ғайримақсадноки қарз;
- саркашии қарзгир аз робита бо ташкилоти қарзӣ;
- надоштани имконият барои санҷиши ҳуҷҷатҳои ба шартномаи қарзи алоқамандбуда;
- иваз гардидани роҳбарияти корхонаи қарзгир

68. Бо мақсади мукаммал намудани низоми қарзӣ, назорати доимии самаранок ва дастрасии иттилоот нисбати қарзҳо, ташкилоти қарзӣ уҳдадор аст, ки дар Саридораи худ феҳрасти ягонаи қарзҳоро (дар шакли электронӣ) тартиб дода, оид ба сандуқи қарзӣ ба Бюрои таърихи қарз маълумот пешниҳод намояд.

69. Пардохти маблағи қарзи асосӣ ба таври зайл ва дар асоси ҳуҷҷатҳои зерин анҷом дода шавад:

- аз суратҳисобҳои қарздор (суратҳисоби пасандозӣ, суратҳисоби амонатии дархостӣ, суратҳисоби амонатии муҳлатнок), музди меҳнати ҳисобкардашудаи қарздор, дар асоси фармоиши хаттӣ, агар дар шартномаи қарзӣ чунин ҳуқуқ пешбинӣ шуда бошад;
- ба суратҳисоби ташкилоти қарзӣ ба воситаи ташкилотҳои алоқаи почта ё дигар ташкилотҳои қарзӣ дар асоси супориши хаттии қарздор;
- дар асоси варақаи ворида ба хазинаи ташкилоти қарзӣ қабул кардани маблағи қарзи асосӣ;
- дар асоси фармоиши пардохтӣ бо истифода аз воситаҳои электронии пардохтӣ аз ҷумла корти пардохтии бонкӣ ва ҳамёни электронии мушаххасшуда.

70. Дар ҳолати фавти муштарӣ, қабули санади судӣ оид ба вафотёфта эълон намудани ӯ ва ё ғайри қобили амал донистани ӯ (бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда), ҳисоби фоизи қарз ва ҳамагуна пардохтҳои дигар ба ғайр аз қарзи асоси қатъ карда мешаванд.

## БОБИ 8. МОНИТОРИНГИ ҚАРЗҲОИ МУШКИЛСИТОН

71. Барои кор бо қарзҳои мушкилситон дар ташкилоти қарзӣ воҳиди сохторӣ (ё мутаххасиси алоҳида) ташкил мегардад ва ҳамаи парвандаҳои қарзҳои мазкур ба ихтиёри он супурда мешавад. Воҳиди сохтории ташкилоти қарзӣ ҳангоми мониторинги қарзҳои мушкилситон, бояд маълумотҳои аз Бюрои таърихи қарз гирифташударо истифода барад.

72. Дар сурати тачдиди (реструктуризатсияи) қарзҳои мушкилситон диққати махсус бояд ба ошкор кардани тамоилҳои манфӣ дода шавад, то ки ташкилоти қарзӣ тавонад барои аз талафоти имконпазир эмин шудан чораҳои зарурӣ андешад, аз ҷумла бо роҳи таъмини пардохти қарз, зиёд намудани маблағҷудокунӣ ба захира барои пӯшонидани талафоти эҳтимолӣ (потенсиалӣ). Ҳангоми таҷдиди (реструктуризатсияи) қарз, зам кардани маблағи фоизҳои ҳисобшуда вале пардохтнашуда ба бақияи қарзи асосӣ манъ аст.

73. Ташкилоти қарзӣ дар шартномаи қарзӣ тартиби пардохти қарзҳои батаъхирафтодаро (ҳангоми ба таъхир афтодани қарзи асосӣ аз рӯи мухлатҳои муқарраркардаи шартномаи қарзӣ ё нақшаи пардохти онҳо) бояд муқаррар намояд.

74. Ҳангоми азнавташкилдиҳии қарздор, ҳуқуқу уҳдадориҳои шахси ҳуқуқии азнавташкилшаванда, ки аз шартномаи қарзӣ бармеояд, дар асоси тақсимоти тавозун ё санади таҳвил тасдиқ карда мешавад.

75. Баъдан ташкилоти қарзӣ бо мақсади фурӯши имконпазири молу мулки таҳти гарав қарордошта ба тадқиқоти маркетингӣ шурӯъ менамояд. Чунин тадқиқот ба таври доимӣ бо роҳи тезонидани чорабиниҳои марбут ба фурӯши молу мулки таҳти гарав қарордошта гузаронида мешавад.

76. Агар таъмини баргардонидани қарз бо роҳҳои дигар, ғайр аз фурӯши молу мулки гарав имконпазир набошад, ин тадқиқот бо хулосаи муфассал дар хусуси гарав бо нишон додани дараҷаи пардохтпазирии он дар вақти ҷорӣ, тавсифи тартиби фурӯш ва ҳудуди

тақрибии нархи фурӯш анҷом дода мешавад.

77. Ҳамчунин, дар хулоса мумкин аст фикри воҳиди дахлдори ташкилоти қарзӣ оид ба кор бо қарзҳои мушкилситон дар бораи айни ҳол лозим будани фурӯши молу мулки гаравӣ ё ки интизор шудани он (то ки баъдан бо нархи баландтар фурӯхта шавад) нишон дода шавад.

78. Бо мақсади таъмини саривақт пардохтани қарзи қарзгир, ташкилоти қарзӣ дар шартномаи қарзӣ қайд менамояд, ки пӯшонидани қарз аз ҳисоби манбаҳои дуюмдарача то ба охир нарасидани муҳлати қарз низ имкон дорад.

79. Ташкилоти қарзӣ дар баробари чораҳои дар бандҳои 74-76 Дастурамали мазкур пешбинишуда, бо худи қарзгир низ доимо ба таври зайл кор мебарад:

- огоҳ кардани қарзгир аз хусуси гузаштани муҳлати қарз ва мушкилоти имконпазири ҷойдошта;
- гузаронидани гуфтушунидҳо;
- даъват кардани қарзгир ба ташкилоти қарзӣ;
- ба Бюрои таърихи қарз додани маълумот оид ба таърихи қарзи муштарӣ.

80. Воҳиди дахлдори ташкилоти қарзӣ ҳисобот дар бораи корҳои андомдодашударо доимо барои баррасӣ ба роҳбарияти ташкилоти қарзӣ пешниҳод менамояд ва дар он ҳамаи чораҳоеро, ки оид ба баргардонидани қарзҳои мушкилситон андешида шудаанд, инчунин тасниф намудани сандуқи қарзиро нишон медиҳад.

81. Дар қисмати хулосавии ҳисоботи воҳиди дахлдори ташкилоти қарзӣ ҷиҳати кори минбаъдаи қарзҳои мушкилситон таклифҳо пешниҳод карда мешаванд, ки онҳо аз ҷумла, феҳристи қарзҳоеро, ки аз рӯи онҳо бояд истеҳсолоти судӣ оғоз карда шавад, рӯйхат ва маблағи умумии қарзҳои аз суратҳисоб хориҷшаванда, тавсияҳо доир ба андешидани баъзе чораҳо нисбат ба қарзгирони алоҳида ва ғайраро дар бар мегиранд.

82. Кормандони ташкилоти қарзӣ ҳамаи амалҳо ва муносибати худро бо муштарӣ тибқи талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва меъёрҳои умумибашарии ахлоқ амалӣ менамоянд.

## БОБИ 9. ТАРТИБИ ХОРИҶ КАРДАНИ ҚАРЗҲОИ БЕЭЪТИМОД

83. Қарзҳои беэътимод тибқи санади меъёрии ҳуқуқии дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон аз тавозун хориҷ карда мешаванд.

84. Дар сурати барнагардонидани қарзи беэътимод, дар асоси хулосаи воҳиди дахлдори ташкилоти қарзӣ оид ба кор бо қарзҳои мушкилситон ва Кумитаи қарзӣ, пас аз мувофиқа бо Шӯрои нозирон (Шӯрои парасторон) қарори Раёсати ташкилоти қарзӣ дар хусуси аз ҳисоби Фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо (минбаъд - ФПТИ) хориҷ ва бо тарзи ғайринизомӣ ба ҳисоб гирифтани қарз, қабул карда мешавад.

85. Ҳамаи маблағҳое, ки баъд аз иҷрои талаботи банди 84 Дастурамали мазкур барои пардохтани қарз ворид мешаванд, мутобиқи санади меъёрии ҳуқуқии дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон вобаста аз манбаи хориҷ кардани қарзҳо ба даромад ё фоидаи ташкилоти қарзӣ равона карда мешаванд.

86. Баҳисобгирии қарз, ки аз суратҳисоби ФПТИ хориҷ мегардад, дар муддати на камтар аз 5 сол аз рӯзи аз ҳисоб хориҷ кардани он бо усули ғайринизомӣ пеш бурда мешавад.

87. Баҳисобгирии назоратии ҳамаи қарзҳои дар давоми 5 соли охир аз ҳисоб хориҷшуда, ки пардохт нашудаанд, дар асоси маълумотнома дар шакли коғазӣ ва электронӣ андом дода мешавад. Маълумотномаи мазкур иттилооти зеринро дар бар мегирад:

- дар хусуси ба Бюрои таърихи қарз пешниҳод кардани маълумот дар бораи аз тавозун хориҷ кардани қарзҳо;
- қарор оид ба хориҷ кардани қарз;
- номи Саридораи ташкилоти қарзӣ, филиал (воҳиди дигари сохторӣ);
- таърихи хориҷ кардани қарз;
- рақами суратҳисоби қарзӣ;
- номи қарзгир;
- бақияи қарзи пардохтанашуда;
- бақияи фоизи пардохтанашуда;
- хароҷоти пӯшониданашудаи ташкилоти қарзӣ.

88.Воҳиди дахлдори ҳисобгирии ташкилоти қарзӣ давра ба давра муқоисаву санҷиши ҳисобгирии назоратии қарзҳои аз суратҳисоб хориҷшуда ва варақаҳои ҳисобгирии қарзҳоро аз рӯи миқдори суратҳисобҳо ва маблағҳои аз суратҳисоб хориҷшуда амалӣ менамояд.

Маълумот дар бораи қарзҳои аз суратҳисоб хориҷшуда махфӣ нигоҳ дошта мешавад.

## БОБИ 10. КОРИ МИНБАЪДА БО ҚАРЗҲОИ АЗ ТАВОЗУН ХОРИҶШУДА

89.Ташкилоти қарзӣ аз рӯи қарзҳои аз тавозун хориҷшуда, ки ба суратҳисоби ғайринизомӣ дохил карда шудаанд, дар давоми муҳлати тибқи банди 90 Дастурамали мазкур муқаррарнамуда кор мебарад.

90. Қарзҳое, ки ба ҳисобгирии ғайринизомӣ бурда шудаанд, баъд аз гузашти 5 сол аз ҷониби воҳиди дахлдори кор бо қарзҳои мушкилситон, баррасӣ карда мешавад.

91. Шӯрои нозирон (Шӯрои парасторон) қарзҳоеро, ки ба ҳисобгирии ғайринизомӣ дохил карда шудаанд, дар тамоми муддати баҳисобгирӣ назорат намуда, мунтазам дар назди маҷлиси саҳмиядорон (иштирокдорон) аз рӯи кор бо онҳо ҳисобот медиҳад.

92. Дарёфти роҳҳои пардохтани қарз тавассути чорабиниҳои зерин анҷом дода мешавад:

- мушоҳидаи доимии маводи васоити ахбори омма бо мақсади ошкор намудани маълумоти зарурӣ дар бораи шахси қарздор, ки дар хусуси қобилияти пардохтпазирии вай шаҳодат медиҳад;
- нигоҳ доштани алоқаи доимӣ бо хешовандони наздики шахси воқеии қарздор, дар ҳолате, ки агар барнагардонидани қарз бо сабаби набудани имконияти кофтукоби қарзгир ба амал омада бошад ва ғайра.

93. Дар ҳолате, ки агар имкони баргардонидани қарз дар оянда пешбинӣ шуда бошад, воҳиди дахлдори ташкилоти қарзӣ оид ба кор бо қарзҳои мушкилситон муҳлати ҳисобгирии онро ба давраи нисбатан дарозтар тамдид менамояд. Агар ташкилоти қарзӣ тамоми имкониятҳоро истифода намуда бошад, он гоҳ воҳиди дахлдори ташкилоти қарзӣ оид ба кор бо қарзҳои мушкилситон дар хусуси имкон надоштани баргардонидани қарз қарор қабул менамояд. Дар бораи ҳамаи қарорҳои қабулнамудаи воҳиди дахлдори ташкилоти қарзӣ оид ба кор бо қарзҳои мушкилситон саривақт ба Шӯрои нозирон (Шӯрои парасторон) - и ташкилоти қарзӣ хаттӣ хабар дода мешавад.

## БОБИ 11. ТАРТИБИ ҲИСОБ КАРДАН ВА СИТОНИДАНИ ФОИЗИ ҚАРЗ

94. Андоза ва муҳлати пардохти (ситонидани) фоизи қарз вобаста ба ҳаҷми қарзи додашуда ва муҳлати баргардонидани он муқаррар карда мешавад. Шартҳои тағйирёбии фоизи қарз ҳангоми дигар шудани вазъи макроиқтисодӣ (сатҳи таваррум, меъёри бозтамвил ва меъёри захираҳои ҳатмии Бонки миллии Тоҷикистон, вобаста аз тағйирёбии меъёри байналмилалии фоизӣ (LIBOR ё FIBOR), инчунин андозаи муҷозоти ҷаримавӣ барои саривақт напардохтани он мумкин аст дар шартномаи қарзӣ пешбинӣ карда шаванд.

95.Ташкилоти қарзӣ бо муштарӣ сиёсати фоизии худро бо назардошти муҳлат, маблағ, намуди қарз ва хавфҳои қарзӣ ба таври инфиродӣ муқаррар намуда, ҳатман бо 4 усули тартиби ҳисоби қарз ва фоизҳои он, ки дар замимаи 1 оварда шудааст, шинос намояд ва муштарӣ мустақилона яке аз ин усулҳоро интихоб намояд.

96. Меъёри самараноки фоизии солонаи қарзҳо аз рӯи баробарии зерин ҳисоб карда мешавад:

$$S_F=\sum_{t=1}^{N}\frac{P_t}{(1+IRR)^t}$$

$P_t$- пардохтҳо барои давраи t;

t - (1,...., N) шумораи давраҳо (рӯз, моҳ ва сол);

S - маблағи қарзи додашуда;

Ғ - хароҷотҳо барои хизматрасонӣ ҳангоми гирифтани қарз;

IRR - меъёри самараноки фоизии солона.

Ҳисобкунии меъёри самараноки фоизии солона аз тарафи ташкилоти қарзӣ бо усули алгебравӣ ба воситаи барномаҳои компютерӣ ба роҳ монда мешавад. Барои ҳисобкунии меъёри самараноки фоизии солона функсияи молиявии ВСД[a] -и барномаи Microsoft EXCEL (ва агар барномаи Microsoft EXCEL бо забони англисӣ бошад, функсияи IRR[b]) тавсия дода мешавад. Дар Замимаи №1 ба Дастурамали мазкур намунаҳо барои ҳисоб кардани меъёри самараноки фоизии солона нишон дода шудаанд. Ҳангоми ҳисобкунии меъёри самараноки фоизии

солона маблағҳои пардохташаванда ва даврияти пардохти онҳо метавонанд гуногун бошанд.

97. Ҳисобкунии фоизи қарз танҳо аз бақияи қарз анҷом дода мешавад. Дар ҳолати пеш аз муҳлат пардохтани қарз ҳисоб кардани фоиз барои муҳлати боқимондаи он ва истифодабарии дигар усулҳои ҳисобкунии қарз манъ аст. Инчунин ситонидани ҳар гуна муҷозотҳои ҷаримавӣ барои сариваќт иҷро накардани уҳдадорӣ (пардохти фоиз,

---------------------------------------

[a] агар барномаи Microsoft EXCEL бо забони русӣ бошад: Формулы=>Вставить Функцию=>Категория: Финансовые=>Выберите Функцию: ВСД (Внутренная ставка доходности) (Дар қисмати Предположение барои аниқтар шудани натиҷа рақами 0,001 гузошта шавад)

b агар барномаи Microsoft EXCEL бо забони англиск бошад: Formulas=>Insert Function=>Select category:Financial=> Select a function: IRR (Internal rate of return) (Дар қисмати Guess барои аниқтар шудани натиҷа рақами 0,001гузошта шавад)

маблағи қарз) танҳо аз ҳисоби бақияи уҳдадории иҷронашуда, ҳисоб карда мешавад.

Ташкилотҳои қарзӣ баҳисобгирии шумораи рӯзҳои тақвимии солро (360 ё 365) барои ҳисоб намудани фоизи қарзҳо мувофиқ ва ё вобаста ба воситаҳои ҷалбшаванда (пасандозҳо ва ғ.) ба роҳ монда, сиёсати ягонаро ҳангоми ҳисобкунии фоизҳо вобаста ба шумораи рӯзҳои тақвимии сол бояд истифода намояд.

Формулаи ҳисоб кардани фоизи қарз:

$$S = \frac{(k * r * t)}{D * 100}$$

S- маблағи фоизи ҳисобкардашудаи қарз;

k- бақияи қарз;

r- меъёри фоизи солонаи қарз;

t- шумораи рӯзҳои истифодашудаи қарз;

D- шумораи рӯзҳои тақвимии сол (360 ё 365).

## БОБИ 12. ТАРТИБИ РУЁНИДАНИ ФОИЗИ ҚАРЗ

98. Фоизҳои аз рӯи амалиёти қарздиҳӣ гирифташуда - фоизҳое мебошанд, ки аз суратҳисобҳои қарздорон (суратҳисобҳои амонатӣ, суратҳисобҳои пасандозии ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла аз суратҳисоби муросилотии ташкилоти қарзӣ) гирифта шудаанд ва бо тартиби муқарраршуда ба суратҳисоб ё хазинаи ташкилоти қарзӣ гузаронида мешаванд.

99. Маблағи фоизи қарз ба таври зайл пардохт карда шавад:

а) аз суратҳисобҳои қарздор (суратҳисоби пасандозӣ, суратҳисоби амонатии дархостӣ, суратҳисоби амонатии муҳлатнок), аз музди меҳнати ҳисобкардашудаи қарздор, дар асоси супоришномаи пардохтӣ, агар дар шартномаи қарзӣ чунин ҳуқуқ пешбинӣ шуда бошад;

б) ба суратҳисоби ташкилоти қарзӣ ба воситаи ташкилотҳои алоқаи почта ё дигар ташкилотҳои қарзӣ дар асоси супориши хаттии он;

в) дар асоси варақаи ворида ба хазинаи ташкилоти қарзӣ қабул кардани маблағи фоизи қарз;

г) дар асоси фармоиши пардохтии воҳиди сохтории дахлдори ташкилоти қарзӣ бо истифода аз воситаҳои электронии пардохтӣ, аз ҷумла корти пардохтии бонкӣ ва ҳамёни электронии мушаххасшуда.

100. Баҳисобгирии фоизҳои қарзи додашудаи ташкилоти қарзӣ дар асоси фармоиши воҳиди дахлдори ташкилоти қарзӣ ба воҳиди ҳисобдорӣ ё амалиётии ташкилоти қарзӣ, амалӣ мегардад.

101. Дар ҳолати барҳамхӯрии шахси ҳуқуқӣ-қарзгир, ташкилоти қарзӣ ҳисобкунии минбаъдаи фоизҳоро қатъ намуда, талаботро оид ба ҳамаи уҳдадориҳои шахси ҳуқуқӣ-қарзгир бо назардошти фоизи қарз бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба комиссияи барҳамдиҳӣ пешниҳод менамояд.

102. Дар ҳолати фавти муштарӣ, қабули санади судӣ оид ба афотёфта эълон намудани ӯ ва ё ғайри қобили амал донистани ӯ (бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда), ташкилоти қарзӣ ҳисобкунии минбаъдаи фоизҳоро қатъ намуда, талаботро оид ба ҳамаи уҳдадориҳои шахси воқеӣ - қарзгир бо назардошти фоизи ҳисобшудаи қарз бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба Кумитаи қарзӣ ва дигар

мақомоти идоракунии ташкилоти қарзӣ (Раёсат, Шӯрои нозирон) пешниҳод менамояд.

103. Намунаҳои 1, 2, 3 ва 4-и замимаи №1-и Дастурамали мазкур дар таҳрири нав ифода карда шаванд (замима мегардад):

Замимаи №1 ба Дастурамали
№-- "Дар бораи тартиби додани
қарз ва ҳисоб кардани фоиз
дар ташкилотҳои қарзӣ"

**Намунаи 1.** Фоизҳои моҳонаи қарз ҳармоҳа, маблағи асосии қарз дар охири давра ва ҳаққи хизматрасонӣ дар санаи гирифтани қарз ситонида мешавад.

| | | |
|---|---|---|
| Маблағи қарз | 20000 | сомонӣ |
| Фоизи қарз | 24% | солона |
| Муҳлати қарз | 12 | моҳ |
| Санаи додани қарз | 01.06.2020 | сол |
| Ҳаққи хизматрасонӣ | 200 сомонӣ (1% аз маблағи умумӣ) | |

| **Р/т** | **Сана** | **Бақияи қарз** | **Ҷамъи пардохти қарз ва фоизи он (ҳармоҳа)** | **Пардохти қарзи асоси** | **Пардохти фоизи қарз** | **Ҳаққи хизматрасонӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 0 | 01.06.2020 | -20 000 | -19 800 | | | 200 |
| 1 | 01.07.2020 | 20 000 | 400 | 0 | 400 | |
| 2 | 01.08.2020 | 20 000 | 400 | 0 | 400 | |
| 3 | 01.09.2020 | 20 000 | 400 | 0 | 400 | |
| 4 | 01.10.2020 | 20 000 | 400 | 0 | 400 | |
| 5 | 01.11.2020 | 20 000 | 400 | 0 | 400 | |
| 6 | 01.12.2020 | 20 000 | 400 | 0 | 400 | |
| 7 | 01.01.2021 | 20 000 | 400 | 0 | 400 | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 8 | 01.02.2021 | 20 000 | 400 | 0 | 400 | |
| 9 | 01.03.2021 | 20 000 | 400 | 0 | 400 | |
| 10 | 01.04.2021 | 20 000 | 400 | 0 | 400 | |
| 11 | 01.05.2021 | 20 000 | 400 | 0 | 400 | |
| 12 | 01.06.2021 | | 20 400 | 20 000 | 400 | |
| **Меъёри самараноки фоизи солона** | | | **25%** | | | |

**Намунаи 2.** Қарз вобаста ба муҳлат мутаносибан ба давраҳо баробар тақсим карда шуда, маблағи фоизи қарз аз бақияи қарз дар охири давра ҳисоб карда мешавад ва ҳаққи хизматрасонӣ дар санаи гирифтани қарз ситонида мешавад.

| | | |
|---|---|---|
| Маблағи қарз | 20000 | сомонӣ |
| Фоизи қарз | 24% | солона |
| Муҳлати қарз | 12 | моҳ |
| Санаи додани қарз | 01.06.2020 | сол |
| Ҳаққи хизматрасонӣ | 200 сомонӣ (1% аз маблағи умумӣ) | |

| **Р/т** | **Сана** | **Бақияи қарз** | **Ҷамъи пардохти қарз ва фоизи он (ҳармоҳа)** | **Пардохти фоизи қарз** | **Пардохти қарзи асоси** | **Ҳаққи хизматрасонӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 0 | 01.06.2020 | -20 000,0 | -19 800,0 | | | 200 |
| 1 | 01.07.2020 | -18 333,3 | 2 066,7 | 400,0 | 1 666,7 | |
| 2 | 01.08.2020 | -16 666,7 | 2 033,3 | 366,7 | 1 666,7 | |
| 3 | 01.09.2020 | -15 000,0 | 2 000,0 | 333,3 | 1 666,7 | |
| 4 | 01.10.2020 | -13 333,3 | 1 966,7 | 300,0 | 1 666,7 | |
| 5 | 01.11.2020 | -11 666,7 | 1 933,3 | 266,7 | 1 666,7 | |
| 6 | 01.12.2020 | -10 000,0 | 1 900,0 | 233,3 | 1 666,7 | |
| 7 | 01.01.2021 | -8 333,3 | 1 866,7 | 200,0 | 1 666,7 | |
| 8 | 01.02.2021 | -6 666,6 | 1 833,3 | 166,7 | 1 666,7 | |
| 9 | 01.03.2021 | -5 000,0 | 1 800,0 | 133,3 | 1 666,7 | |
| 10 | 01.04.2021 | -3 333,3 | 1 766,7 | 100,0 | 1 666,7 | |
| 11 | 01.05.2021 | -1 666,6 | 1 733,3 | 66,7 | 1 666,7 | |
| 12 | 01.06.2021 | 0,0 | 1 700,0 | 33,3 | 1 666,7 | |
| **Меъёри самараноки фоизи солона** | | | **26%** | | | |

**Намунаи 3.** Қарз ва маблағи фоизи он ба давраҳо ба усули аннуитет тақсим карда шуда, ҳаққи хизматрасонӣ дар санаи гирифтани қарз ситонида мешавад.

| | | |
|---|---|---|
| Маблағи қарз | 20000 | сомонӣ |
| Фоизи қарз | 24% | солона |
| Муҳлати қарз | 12 | моҳ |
| Санаи додани қарз | 01.06.2020 | сол |
| Ҳаққи хизматрасонӣ | 100 сомонӣ (0,5% аз маблағи умумӣ) | |

| Р/т | Сана | Бақияи қарз | Ҷамъи пардохти қарз ва фоизи он (ҳармоҳа) | Пардохти фоизи қарз | Пардохти қарзи асоси | Ҳаққи хизматрасонӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 0 | 01.06.2020 | 20 000,0 | -19 900,0 | | | 100 |
| 1 | 01.07.2020 | 18 508,8 | 1 891,2 | 400,0 | 1 491,2 | |
| 2 | 01.08.2020 | 16 987,8 | 1 891,2 | 370,2 | 1 521,0 | |
| 3 | 01.09.2020 | 15 436,4 | 1 891,2 | 339,8 | 1 551,4 | |
| 4 | 01.10.2020 | 13 853,9 | 1 891,2 | 308,7 | 1 582,5 | |
| 5 | 01.11.2020 | 12 239,8 | 1 891,2 | 277,1 | 1 614,1 | |
| 6 | 01.12.2020 | 10 593,4 | 1 891,2 | 244,8 | 1 646,4 | |
| 7 | 01.01.2021 | 8 914,1 | 1 891,2 | 211,9 | 1 679,3 | |
| 8 | 01.02.2021 | 7 201,1 | 1 891,2 | 178,3 | 1 712,9 | |
| 9 | 01.03.2021 | 5 454,0 | 1 891,2 | 144,0 | 1 747,2 | |
| 10 | 01.04.2021 | 3 671,9 | 1 891,2 | 109,1 | 1 782,1 | |
| 11 | 01.05.2021 | 1 854,1 | 1 891,2 | 73,4 | 1 817,8 | |
| 12 | 01.06.2021 | 0,0 | 1 891,2 | 37,1 | 1 854,1 | |
| **Меъёри самараноки фоизи солона** | | | **25%** | | | |

**Намунаи 4.** Қарз дар чор моҳи аввал имтиёз дошта, танҳо маблағи фоизи қарз пардохт карда мешавад ва дар боқимонда давраҳо қарз ва фоизи он ба давраҳо тақсим карда шуда (усули аннуитет), ситонида мешавад.

| | | |
|---|---|---|
| Маблағи қарз | 20 000 | сомонӣ |
| Фоизи қарз | 24% | солона |
| Муҳлати қарз | 12 | моҳ |
| Санаи додани қарз | 01.06.2020 | сол |
| Ҳаққи хизматрасонӣ | | |

| **Р/т** | **Сана** | **Бақияи қарз** | **Ҷамъи пардохти қарз ва фоизи он (ҳармоҳа)** | **Пардохти фоизи қарз** | **Пардохти қарзи асоси** | **Ҳаққи хизматрасонӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 0 | 01.06.2020 | 20 000,0 | -20 000,0 | | | |
| 1 | 01.07.2020 | 20 000,0 | 400,0 | 400,0 | 0,0 | |
| 2 | 01.08.2020 | 20 000,0 | 400,0 | 400,0 | 0,0 | |
| 3 | 01.09.2020 | 20 000,0 | 400,0 | 400,0 | 0,0 | |
| 4 | 01.10.2020 | 20 000,0 | 400,0 | 400,0 | 0,0 | |
| 5 | 01.11.2020 | 17 669,8 | 2 730,2 | 400,0 | 2 330,2 | |
| 6 | 01.12.2020 | 15 293,0 | 2 730,2 | 353,4 | 2 376,8 | |
| 7 | 01.01.2021 | 12 868,7 | 2 730,2 | 305,9 | 2 424,3 | |
| 8 | 01.02.2021 | 10 395,8 | 2 730,2 | 257,4 | 2 472,8 | |
| 9 | 01.03.2021 | 7 873,6 | 2 730,2 | 207,9 | 2 522,3 | |
| 10 | 01.04.2021 | 5 300,8 | 2 730,2 | 157,5 | 2 572,7 | |
| 11 | 01.05.2021 | 2 676,7 | 2 730,2 | 106,0 | 2 624,2 | |
| 12 | 01.06.2021 | 0,0 | 2 730,2 | 53,5 | 2 676,7 | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Меъёри самараноки фоизи солона** | **24%** | | | |